**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзуи “Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ, аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байиалмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтакавӣ (илмҳои сиёсӣ).**

Таҳарруки рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва муайян кардани ҷойгиршавии қувваҳои минтақавӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ таҳлил ва баҳодиҳии вазъияти геополитикӣ, иктисодӣ ва тамаддуниро тақозо менамояд. Ин ба фазои геополитикии «олами ислом» бештар нисбат дорад, ки дар меҳвари стратегии он Афғонистон меистад. Бинобар ин, имрӯз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар маркази таваҷҷуҳи донишмандони мактабҳои илмӣ ва сиёсатмадорони мамлакатҳои абаркудрати дунё ва минтақа қарор дорад.

Рӯзмаррагии мавзӯи диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар он аст, ки муаллиф масъалаҳои равандҳои тағйирёбии низоми ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро баррасӣ намуда, нақши онҳоро дар омӯзиши илмии таърихи муносибатҳои байналмилалӣ нишон додааст.

Ҳадафи муаллиф таҳти омӯзиш қарор додани хусусиятҳои таърихи раванди авзои сиёсии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар даврони таҳаввули дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI дар шароити пурра аз хоки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баровардани қувваҳои эътилофӣ зери роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва ташаккули элитаи нави ҳокимияти сиёсии кишвар мебошад.

Вазифаҳои дар таҳқиқот муайяншуда ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда пурра ба мақсад мувофиқат карда, арзиши илмии корро таъмин мекунанд. Ин далелро асосноккунии натиҷаҳои таҳқиқот, усулҳои идроки умумимантиқӣ, индуктивӣ ва дедуктивӣ ба таври васеъ истифода карда шуд. Ҳамчунин, усуслҳои таснифот ва низомнокӣ нисбати сиёсати хориҷӣ ва ҷараёнҳои тағйирёбандаи сиёсӣ корбурд гардиданд. Нисбати вокеаву ҳодисоти алоҳидаи сиёсӣ 16 асосан усули таҳлили вазъияти ҷудогона ва усули муқоисавӣ-таърихӣ истифода карда шуд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши илмии масъала баррасӣ мешавад, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии он, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шуда, асосҳои методологии диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот асоснок гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **"Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи таҳаввули низоми муносибатҳои байналмилалӣ"** аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум "Асосҳои илмӣ - методологии таҳлили дурнамои сиёсати хориҷӣ" як қатор муносибатҳои методологии таҳқиқи стратегияи сиёсати хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Зербоби дуюм "Хусусиятҳои ташаккули манфиатҳои миллӣ ва фаъолияти хориҷии давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар замони муосир" ба таҳлили роҳҳо ва воситаҳои ташаккули муносибати сиёсати хориҷӣ дар мисоли давлатҳои тараққикардаистода бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **"Нақши таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон"** аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якум "Заминаҳои таҳаввулоти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон" ном дорад. Дар мавриди омӯзиши масъалаи мазкур Ҷумҳурии ИсломииАфғонистон чун давлати ягона бо шакли идоракунии президентӣ ва дар давраи гузариши рушди сиёсӣ қарордошта номбар мешавад.

Зербоби дуюми боби дуюм "Тахаввулоти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон" ба масъалаи равандҳои эволютсионии баамалоянда дар соҳаи иҷтимоӣ –иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **"Ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҳукумати вахдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон"** ҳам аз ду зербоб иборат аст.Зербоби якуми боби сеюм, ки "Ташаккули сиёсати хориҷии Ҳукумати вахдати миллии Афғонистон"ном дорад,хусусияти ташаккули сиёсати хориҷии ин кишвар дар шароити фаъолияти Ҳукумати вахдати миллӣ таҳлил шудааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм "Рушди сиёсати бисёрсамтаи Ҳукумати вахдати миллии Афғонистон"масъалаҳои ташаккули асосҳои сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва захираҳои идеологии он баррасӣ шудаанд.

Дар диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзӯъ, пешниҳоди назариявӣ ва тавсияҳои амалии ӯ оварда шудаанд.

Автореферати дисссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Доир ба мавзӯи диссертатсионӣ муаллиф ду васоити таълимӣ ва 6 мақолаҳоро навишта, аз он ҷумла 4 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда аз чоп баровардааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи **"Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI"** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тибқи бандҳои 10, 11, 12-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

Профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
ва гуманитарии Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов,
номзади илмҳои фалсафа — Сафаров С.С.

18 марти соли 2021

Имзои н.и.ф., профессор Сафаров С.С.-ро
Тасдиқ менамоям Сардори шуъбаи кадрҳои
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба
номи Т.Сатторов — Сиҷоатова М.

***Маълумот барои тамос:***
*Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,*
*кӯчаи Ҳусейнзода, 155,*
*Тел.: 227-07-20*
*http://www. konservatoriya.tj, E-mail: tjconservator@mail.ru*